# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзӯи “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (Масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ пешниҳод шудааст**

Таҳқиқи илмии осори ирфонию фалсафии шайх, ориф, шоир табиб, мутафаккир ва файласуфи бузурги садаи XIII милодӣ Азизуддини Насафӣ (1240-1300) ва таҳлили насри ирфонии адабиёти форсу тоҷики асрҳои минбаъда аз мавзӯъҳои умда ва зарурии тадқиқоти илмии рӯзгори имрӯзу фардои фанҳои “Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ” маҳсуб мешавад.

Рисолаи илмии Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (Масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ навишта шуда, аз рӯи шаклу мазмун ба таври расмӣ аз аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллифи рисола дар бахши “Муқаддима” аз рӯи сохт ва мундариҷаи пажӯҳиши илмӣ ба талабҳои асосии илмии таркиби рисолаи илмии худ: “Мубрамии мавзуи таҳқиқот”, “Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ”, “Тавсифи умумии таҳқиқот”: “Мақсади таҳқиқот”, “Объекти таҳқиқот”, “Предмети таҳқиқот”, ”Мавзуи таҳқиқот”, “Асосҳои назариявии таҳқиқот”, “Асосҳои методологии таҳқиқот”, “Сарчашмаи маълумот”, “Пойгоҳи таҳқиқот”, “Навгонии илмии таҳқиқот”, “Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда”, “Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот”, “Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот”, “Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ”, “Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот”, “Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия”, “Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия”, “Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия” риоя намуда, ба таҳлилу таҳқиқи асосии пажӯҳиши илмии худ пардохта, ҳар як боб ва фаслҳои онро бо тавфиқ ба сомон расонидааст.

Дар фасли “Муқаддима”-и диссертатсия, ки бо бахши “Мубрамии мавзӯи таҳқиқот” оғоз мегардад, перомуни тарихи ташаккул ва таҳаввули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик сухан оварда шуда, дар радифи он ғояҳои илмию ирфонӣ ва фалсафии Азизуддини Насафӣ бо таълимоти орифоне, монанди Боязиди Бастомӣ, Зунуни Мисрӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Абубакри Шиблӣ, Молики Динор, Суфиёни Саврӣ, Абулҳасани Харақонӣ, Алии Ҳуҷвирӣ, Абулқосими Қушайрӣ, Шаҳобиддини Сухравардӣ, Абдулқодири Гелонӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Наҷмиддини Кубро, Авҳадиддини Кирмонӣ, Авҳадии Мароғайӣ ва дигарон ба тарзи муқоисавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия - "Рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ" номгузорӣ шуда, он аз ду фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби якуми диссертатсия, ки «Баррасии зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ» унвон дорад, перомуни рӯзгор ва осори мутафаккири бузург сухан меравад. Дар ин фасл муаллифи рисола ҷумлаи «Чуноне, ки Насафӣ худ дар «Баён-ут-танзил» низ бар ин матолиб ишорат дорад ва ҳатто таъкид ҳам мекунад, ки ба рӯзгори вай Нахшаб аз ҷумлаи шаҳрҳои Суғд ба шумор мерафтааст» (сах. 15) чун истилоҳи ҷуғрофӣ «иёлати Суғд»-ро ба кор бурдааст, вале дар хеч сарчашмаҳои адабию торихии он асри XIII ин сарзамин бо номи «Суғд» шӯҳрат надошт. Танҳо то истилои арабҳо ин сарзаминро «Суғд» ё «Суғдиён» меномиданд... ва низ ин иқтибоси худ сахифаи манбаи мазкур низ гузошта нашуда, дар худи хами н сахифа номи «Нахшаб» шитобкорона «Нашхаб» (саҳ. 15) навишта шудааст...

Фасли дуввуми боби аввали диссертатсия «Тавсифи мухтасари мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ» ногузорӣ шуда, муаллиф дар ин фасл доир ба номгӯ ва тавсифи осори Азизуддини Насафӣ, монои «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Инсони комил», «Китоб-ут-танзил», «Маърифати инсон», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён-ут-танзил», «Мақсади ақсо», «Асрор-ул-қобилият», «Асрор ул-ваҳй», «Сулуки мақомот», «Манозил-ус-соирин», «Усул ва фуруъ», «Асрор-ат-тасаввуф», «Хавос-ул-ҳуруф», «Асрор-ул-қобилия», «Лавҳи маҳфуз», «Мақсади ақсо», «Олами сағир», «Ваҳдати вуҷуд» ва амсоли ин, ки теъдоди онҳо беш аз 30 адад аст, ба тавсифи илмӣ пардохтааст.

Боби дуюми диссертатсия "Сарчашмашиносӣ, мундариҷа ва сохтори рисолаҳои Азизуддини Насафӣ" унвон дошта, дар ин фасл оиди сарчашмашиносии осори насрии Азизуддини Насафӣ ва сохтору мундариҷаи рисолаҳои «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Кашф-ул-ҳақоиқ», рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-и алломаи бузург маълумоти муфид овардааст.

Фасли аввали боби дуввуми диссертатсия «Нусхашиносӣ ва нашрҳои рисолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ» номгузорӣ карда шуда, пажӯҳишгар ба нусхаҳои қаламии осори нависанда рӯ оварда, осори ин мутафаккири бузург дар гӯшаву канорҳои китобхонаҳои мамлакатҳои дунё дар ҳоли интизори таҳқиқу баррасӣ махфуз дошта шудани онро таъкид намудааст, вале нусхаҳои хатии осори ӯ ва намунахои иктибосот бо хати форсӣ дар автореферати диссертасия оварда нашудааст...

Фасли дуввуми боби дуюми диссертатсия, ки «Сарчашмашиносии осори Азизуддини Насафӣ ва сохтору мундариҷаи рисолаҳои «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Кашф-ул-ҳақоиқ» ном гузошта шудааст, дар ин фасли таҳқиқот заминаҳои таълифи осори ирфонӣ ба сарчашмаҳои фикрии мутафаккирро, ки осори динию ирфонӣ ва фалсафию илмии замони худро ба хубӣ омӯхтааст, маълумоти муҳим дарҷ намудааст.

Дар фасли сеюми боби дуюми диссертатсия, ки «Мақсад-ул-ақсо» ва сохтору муҳтавои он" ном дорад, ҳини шитобкорӣ дар вожаи «дошта» ба тарзи «доша» хатои техникӣ рух намудааст (саҳ. 16) ва ин фасл шаклу мазмун ва муҳтавои рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-и Азизуддини Насафиро таҳлилу баррасӣ намудааст...

Боби сеюми диссертатсия “Сабки таълиф ва арзишҳои адабии рисолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ” номгузорӣ шуда, ин боб дар се фасли алохида таҳлил гардида, дар он забон ва сабки рисоланигории Азизиддини Насафь мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Фасли аввали боби сеюми диссертатсия «Шеваи нигориши насри сӯфиёна ва таҷассуми он дар осори Азизуддини Насафӣ» ном дошта, дар ин фасл забон ва сабки рисоланигории Азизиддини Насафӣ бо таҳлилҳои илмии мустаишриқони урупоиву амсоли Луид Винисис Ҷон Ричвун ва таҳқиқоти донишманди соҳибноми ватаниву Шарқи хориҷӣ, монанди Худой Шарифзода, Носирҷон Салимӣ, Ҷамоли Мирсодиқӣ, Ҳусайни Хатибӣ, Ҳусайни Размҷӯ ва дигарон ба тариқи муқоиса таҳлил намудааст, ки арзиши муҳими илмӣ дорад.

Фасли дуввуми боби сеюми диссертатсия “Вижагиҳои сабкии насри Азизуддини Насафӣ” ном дошта, дар ин фасл муҳақиқ оиди вижагиҳои сабкии насри ирфонӣ ва дорои забони соддаву равон ва шево нигошта шудани осори мутафаккир маълумоти муътамад овардааст.

Дар фасли сеюми боби сеюми диссертатсия, ки «Истифодаи ашъор, амсол ва ҳикоёти тамсилӣ дар осори Азизуддини Насафӣ» ном дорад, перомуни ашъори ин орифи огоҳдил ва мутафаккири бузург маълумот оварда, дар асоси зикри тазкираи ирфонии «Маҷолис-ул-ушшоқ» аз мероси эҷодии Насафӣ ду рубоиро барои намуна овардааст, ки ин чун шоир истеъдод ва шуҳрат доштани мутафаккир ва алломаи бузург бурхони илмии муътамад мебошад.

Эй сели фано, номи ман аз ёд бубар,
Бардор зи хокаму зи бунёд бубар.
Бар домани ӯ то нанишинад гарде,
Аз кӯчаи ӯ ғуборам, эй бод, бубар.

Рубоии дувум:

Кас дар кафи айём чу ман хор мабод,
Меҳнатзадаву ғарибу ғамхор мабод,
Не рӯзу на рӯзгору не ёру на дил,
Кофар ба чунин рӯз гирифтор мабод.

Дар бахши хулосаи рисолаи илмӣ муаллиф он бардоште, ки аз маохизи адабию торихӣ ва илмӣ ҳангоми нигориши таҳқиқоти илми мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси он ин пажӯҳиши дорои аҳамият анҷом пазируфтааст, хулосаҳои илмии зарурӣ баровардааст.

Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда феҳрасти адабиёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, сарчашма ва кутуби адабӣ, адабиёти илмӣ - назарӣ, мақолот дар маҷмӯаҳои илмӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо, рисола ва фишурдаи он, бахши интернетии зиёдеро фаро гирифтааст.

Рисолаи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович аз ҷиҳати масъалагузориҳои илмӣ мукаммал буда, дар он таърихи мухтасари вазъи адабиёти асри XIII аз равзанаи қиёс, ҷойгоҳ ва накши шуарои тавонои адабиёти форсии тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Услуб ва забони нигориш дар рисола ба меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ мувофиқат мекунад. Фишурдаи рисола ва мақолаҳои илмии банашррасида мазмуни рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Дар баробари муваффақиятҳое, ки муаллифи рисола ҳангоми таҳқиқ ноил гардидааст, баъзе камбудиҳое мавҷуданд, ки бартараф кардани он ба кори рисола арзиши бештари илмӣ мебахшад:

Хатоҳои техникие, ки ислоҳ кардани он зарур аст:

1. Дар саҳифаи 8-уми автореферати диссертатсия ҷумлаи «Марҳилаҳои услубии таҳаввули наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XIII)» ва вожаи «Зубдат-ул- ҳақоиқ» (саҳ. 14) низ "Рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ ", дар ҳошияи автореферати диссертасия Баён ут танзил нишонаҳои нохунак ва тире гузошта нашудааст, пробелҳои матн хато гузошта шудааст.

2. Дар саҳифаи 18-уми автореферат ҳини овардани иқтибоси «Бидон ки ҳар чизе, ки аз худ дафъ мебояд кард ва аз пеш бармебояд дошт, иборат аз ҳиҷоб аст ва ҳар чизе, ки худро ҳосил мебояд кард ва бар он мебояд буд, иборат аз мақом аст» нишонаи нохунак гузошта нашудааст.

3. Дар ҷое, номи осори ниёгонро ба тарзи «Кашф-ул-асрор» навишта бошад, дар дигар ҷойҳо онро ба шакли «Баён ут-танзил», "Кашф ул -ҳақоиқи Насафӣ" (ҳошия, саҳ. 18), Шеъру-л-аҷам..., «Кашф ул маҳҷуб", ва монанди инҳо хатоҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки онро зудтар бартараф кардан имконпазир аст...

Камбудиҳои дар боло зикргардида дар муқоиса бо дастовардҳои илмии рисола аҳамияти илмии таҳқиқотро ба ҳеҷ ваҷҳ коҳиш намедиҳанд ва ба асоси кори рисола халал намерасонанд.

Дар умум, Сатторов Ҳабибулло Ҷабборовичро, ки дар мавзӯи "Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (Масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ навишта шудааст, мантиқан таҳқиқоти комил ҳисобидан мумкин буда, дорои аҳамияти назарраси илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мебошад ва ба ҳамаи талабҳои барои шиносномаи тахассусӣ ва Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Точикистон посухгӯ мебошад. Ин имкон медиҳад, хулоса барорем, ки муаллифи рисола сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ гардад ва ба ҳимояи кушод тавсия карда мешавад.

**Муқарриз:** *Ҷ. Ҳамроев.* **Ҳамроев Ҷумақул**
**доктори илмҳои филология, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов**

*J. Hamroyev* ning imzosini tasdiqlayman *23.11.2023*
Sharof Rashidov nomidagi
SamDU kadrlar bo'limi boshlig'i

XODIMLAR BO'LIMI